# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи илмии Резмонова Қурбоной Шариповна дар мавзӯи: “Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Triticum aestivum* l.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01 – Зироатчигии умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст.**

Ба ҳамагон маълум аст, гандум яке аз зиратҳои асосии хӯрокии аҳолӣ дар аксарияти давлатҳои Олам ба шумор меравад. Бинобар ин, барои афзоиш додани истеҳсоли гандум дар аксарияти кишварҳо чораҳои амалиро дида мебароянд. Барои зиёд намудани истеҳсоли гандум, дар Тоҷикистон низ чораҳои амалӣ андешида мешаванд. Алалхусус, дар ин ҷодда, дар кишварамон, дар оянда тақвият бахшидани корҳои селексионӣ ва тухмипарварии ғалладонагиҳоро месазад, ки дастгирии ҳаматарафа бояд намуд.

Дар ҳалии ин масъалаҳои муҳими илмию амалӣ натиҷаҳои тадқиқотҳое, ки дар рисолаи илмии унвонҷӯ Резмонова Қ.Ш. пешниҳод гаштаанд, айни муддао ва саривақтӣ ба шумор меравад.

Чи тавре, ки аз автореферати рисолаи илмӣ дида мешавад, ҳадафи таҳқиқот - омӯзиши аломатҳои морфологӣ ва ҷиҳати хоҷагидорӣ арзишманди намунаҳои нави гандуми мулоими коллексияи ҷаҳонӣ - Институти умумироссиягии растанипарварии Федератсияи Россия (ИУР-и Федератсияи Россия) гирифташуда, дар шароити ҷануби Тоҷикистон парвариш гашта, ба шумор меравад.

Барои дастрас шудан ба ин ҳадафи муҳим унвонҷӯ чунин вазифаҳои илмиро ҳал намудааст: 1. Омӯзиши хусусиятҳои сабзиш ва рушд, аломатҳои морфологӣ ва давраи нашъу намои намунаҳои гандуми мулоим;

2. Хусусиятҳои аз ҷиҳати хоҷагидорӣ муфиди намунаҳои ояндадори гандуми мулоим аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистони;

3. Муайян кардани нишондиҳандаҳои биохимиявии тухмӣ дар намунаҳои гандуми аз коллексияи ҷаҳонии ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ;

5. Таъсири нурии нитроаммофос ба ҳосилнокии намунаҳои гандум дар шароити водии Вахши Тоҷикистон;

6. Муайян намудани самараи иқтисодии парвариши намунаҳои нави гандуми овардашуда дар шароитии ҷануби Тоҷикистон.

Бояд қайд кард, ки унвонҷӯ Резмонова Қ.Ш. хусусиятҳои афзоиш ва сабзишу ҳосилнокии намунаҳои нави гандуми мулоимро, ки ИУР-ии ба номи Н.И. Вавилов оварда шударо, омӯхта, ба натиҷаҳои арзишманди илмӣ ноил гардидааст.

Чи тавре, ки аз натичаҳои кори илмӣ бармеояд, унвончӯ Резмонова Қ.Ш. 15 намунаҳои нави гандуми коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити иқлими чануби Точикистон омӯхта, инчунин, тавассути ворид намудани нури маъдании нитроаммофоска дар вақти кишти намунаҳои нави коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити гарми вилояти Хатлон ба натичаҳои зарурии илмӣ ноил шудааст ва унвончӯ бори аввал ҳосилнокии баланди намунаҳои нави гандуми мулоимро дар шароити дар иқлими гарми чануби Точикистон муайян намудааст. Аҳамияти кори илмӣ пеш аз ҳама дар он зоҳир гардидааст, ки намунаҳои нави мутобиқшудаи гандум, ки аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дастрас шудаанд, нисбати навъи гандуми назоратии Ормон 1,5-2,4 баробар серҳосил мебошанд. Дар раванди ичро гаштани корҳои илмӣ тухмиҳои намунаҳои омӯхташудаи гандуми мулоим дар шароити водии Вахш дар майдони 5 га кишт зиёд гардидаан, ки онҳои аҳамияти калони амалии кори мазкурро собит месозанд. Аз автореферати кори илмӣ дида мешавад, ки унвончӯ Резмонова Қ.Ш. натичаҳои асосии кори илмиашро дар 21 мақолаи илмӣ, аз чумла 7 мақола дар мачаллаҳои илмии тақризшавандаи аз чониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Точикистон эътирофшудаанд, чоп намудааст.

Дар асоси натичаҳои имлии рисола дар мавзӯи **“Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Tríticum aestívum* l.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити чануби Точикистон”**, ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руи ихтисоси 06.01.01 – Зироатчигии умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст, метавон зикр намуд, ки кори илмии ичрогашта арзишманд ба шумор рафта, бо аҳамияти назаривӣ ва амалиаш, ба талаботи КОА-и назди Президенти Чумҳурии Точикистон чавобгу мебошад ва муаллифи он Резмонова Қурбоной Шариповна барои ба даст овардани унвони илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз руи ихтисоси 06.01.01 – Зироатчигии умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Муовини декани факультети биология дар шӯъбаи ғоибона ва шакли
тахсилоти фосилавии Донишгоҳи милии Точикистон,
номзади илмҳои кишоварзӣ (аз руи ихтисоси
06.01.01-Зиратчигии умумӣ, растанипарварӣ)
_____________________ Сайдалиев Наврӯз Ҳабибуллоевич

Имзои н.и.к. Н.Х. Сайдалиев-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо: _____________________ Шодихонзода Э.Ш..

*Суроғаи хизматӣ:* 734025, ш. Душанбе, Буни-Ҳисорак,16.
Тел. (+992) 939004001; E.mail: saidalyev@mail.ru

08.04.2025